# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ



*Вазифаи имониву виҷдонии ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ин аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, дар шароити пуртазоди сайёра ва торафт шиддат гирифтани рақобати байни қудратҳои ҷаҳони имрӯза барои тарбияи фарзандон дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, илмомӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои пешрафта ба хотири пешрафти иқтисодиву иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли хеш мунтазам ҷаҳду талош намояд.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар ҳақиқат мавзӯи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан бар арзишҳои олии кишвар аз ҷумлаи мавзӯъҳои муҳимми раванди таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, тадриси он вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар робита ба ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи вижа дорад ва таълими ин масъала дар тамоми сохторҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла кафедраҳои ҳарбӣ ба роҳ монда шудааст.

Хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳои ҷумҳурӣ, ҳимояти марзу буми кишвар ва нигоҳ доштани оромиву осудагии мамлакат низ аз худшиносӣ, худогоҳӣ ва садоқат ба давлату миллати ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад. Бояд ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ барои абадӣ пойдор мондани  сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва Истиқлолият дар Ватани азизамон саҳмгузор бошад. Дар замоне, ки гурӯҳҳои ифротгаро ва найрангбоз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавононро ба ҳар навъ ҳаракатҳои террористӣ ва ниҳоят номатлуб роҳандозӣ мекунанд, вазифаи ҷавонон зиракии сиёсиро аз даст надода, шомил шудан ба ин гурӯҳҳоро инкор кардан аст.

Имрӯз дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи ҳарбӣ фаъолият дорад, ки ҳамасола афсарони эҳтиётии зиёдеро омода месозад. Дар ин кафедра машғулиятҳо ба таври замонавӣ гузаронида шуда, донишҷӯён бо ҳама намуди таҷҳизот ва аслиҳаҳои ҷангӣ аз наздик шинос мешаванд. Дар ҳар як дарс аз ҷониби афсарони ин кафедра мавзӯи

худшиносии миллӣ нагаравидан ба ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Бояд гуфт, ки худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан ибораҳое мебошанд, ки дарки маънии он барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ вазифаи ҷонӣ мебошад. Маънидод кардани ин ибораҳо ба соатҳои зиёд ниёз дорад. Имрӯз худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан яке аз пояҳои муҳимми давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки давлат бе миллат буда наметавонад ва дар ин баробар миллате, ки худро нашиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром надошта бошад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад. Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ ва фиребу найранги ашхоси бегона нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Аз ин рӯ, тарғиби ҳамешагии ин мафҳумҳо барои насли ҷавони кишвар аз манфиат дур нест.

Тавре Пешвои миллат изҳор доштанд: «Дар замири ҳар як фарди ҷомеа тарбия кардан ва таҳкиму тақвият бахшидани ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллӣ яке аз омилҳои муҳимми пойдории давлати соҳибистиқлол мебошад».

Дар партави ҳамин гуфтаҳои Пешвои миллат кафедраи тайёрии ҳарбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайи тарбияи насли ҷавони кишвар дар руҳияи миллатдӯстӣ ва садоқат ба Ватан пайваста талош меварзад. Дар зери мафҳуми садоқат ба Ватан қабл аз ҳама хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ва ба ҳамин тариқ мудофиа кишвари азизамон аз ҳама гуна душман аст. Дар ин росто афсарони эҳтиётӣ низ қувваи бузурги давлат ба шумор мераванд. Масалан, дар айни ҳол дар кафедраи тайёрии ҳарбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тамоми шароитҳо барои омодасозии донишҷӯён муҳайё гардидааст. Афсарони эҳтиётие, ки кафедра омода мекунад, ҳам дониши хуби илмҳои дақиқу гуманитариро доранд ва ҳам бо аслиҳаҳои гуногуни ҷангӣ аз наздик шинос мешаванд.

Масъалаи дигар ин аст, ки ҷавонони кишвар имрӯз бояд аз ҳаводисе, ки дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон рух дода истодааст, ба худ дарси ибрат гиранд. Агар каме ба сиёсати хориҷӣ назар намоем, мебинем, ки дар қудрадмандтарин давлатҳои дунё барои шикасти давлат душманон ҷавононро истифода кардаанд. Ҳарчанд ин миллатҳо хатоии худро фаҳмиданд, вале мебинем, ки дигар дер шудааст. Аз ин рӯ, ҷавонони мо аз таърих ибрат гирифта, ҳамеша пайи илму дониш, ихтироъкорӣ хизмат ба халқу Ватан ва оромии халқу миллат бошанд. Ҷавонон бояд бидонанд, ки шомил шудан ба ҳар навъ гурӯҳҳои фитнаовар ва халалдор намудани осудагии кишвар ба шаъну шарафи миллати тоҷик зебанда нест. Миллати тоҷикро аз қадим ҳамчун миллати ободкор ва бофарҳанг мешиносанд.

Умед дорем, ки донишҷӯёни донишгоҳ баъд аз хатми кафедраи ҳарбӣ ба қатори афсароне баробар мешаванд, ки ҳамеша барои ҳимояи давлату миллат омодаанд ва дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ мебошанд.

**Ҳасан Қосимов,**
**сардори сикли тайёрии умумиҳарбии Кафедраи ҳарбӣ**